**Course name: National economy**

**Week 16:** ***Economic integration and Tajikistan's integration into the world economic system***

**Номи фан: Иқтисоди миллӣ**

*(National economy)*

## МАВЗӮИ 16. Ҳамгироии иқтисодӣ ва дохилшавии Тоҷикистон ба низоми хоҷагидории ҷаҳон.

**Саволҳои лексия:**

**1. Зарурияти ҳамгироии иқтисодӣ. Сиёсати ҷумҳурӣ дар муносибатҳои иқтисодии беруна дар шароити соҳибистиқлолӣ.**
**2. Маҷмӯи чорабиниҳои ба рушди ҳамкориҳои минтақавӣ мусоидаткунанда.**
**3. Рушди ҳамкориҳои минтақавӣ ва ҳамгироӣ ба иқтисодиёти ҷаҳонӣ.**
**4. Рушди туризм, тайёр намудани кадрҳо, раванди муҳоҷирати меҳнатӣ, воридот ва содирот, инвеститсияҳои мустақими хориҷӣ.**

### 1. Зарурияти ҳамгироии иқтисодӣ. Сиёсати ҷумҳурӣ дар муносибатҳои иқтисодии беруна дар шароити соҳибистиқлолӣ.

Чи тавре, ки Асосгӯзори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон дар баромадашон қайд намудаанд, раванди ташаккул ва рушди Тоҷикистон чун давлати соҳибхтиёру мустақил сиёсати хориҷии он нақши бузург дорад. Шароити мушаххаси таърихии таъсису инкишофи кишвари соҳибистиқлоли мо, хислат ва мӯҳтавои таҳаввулоти байналмилалӣ дар марзи ду садсола табиатан аҳамияти хосаи омили беруниро дар ҳаёти кишвари мо ва робитаи наздики рушди дохилиро бо воқеияти байналмилалӣ муайян намуданд. Дар оғози асри XXI олам дигаргуниҳои амиқеро, ки дар натиҷаи азнавсозии низоми ҷаҳонии бисёрқутбӣ ба вуҷуд омадааст, аз сар мегузаронад. Дар манзараи геополитикии сайёра воқеиятҳои нави сиёсиву иқтисодӣ ба вуқӯъ омаданд, ки боиси дигаргуншавии низоми муносибатҳои байналмилалӣ дар даҳ-понздаҳ соли оянда хоҳанд гашт. Ҷараёнҳое, ки дар марҳалаи кунунӣ дар ҷаҳон зуҳур намудаанд, арсаҳои сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоиву маънавиро фаро гирифтаанд. Назаррастарин ҷараёни олами муосир глобализатсия ё худ ҷаҳонишавӣ мебошад, ки ба табиат ва мазмуни муносибатҳои байналмилалӣ ва интихоби самтҳои сиёсати хориҷии давлатҳо таъсири бевосита дорад[1].

---

[1] Суханронии барномавии президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ифтихори ифтитоҳи бинои нави Вазорати корҳои хориҷӣ. Душанбе – 1.03.2013 https://mfa.tj

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавқеи муҳими Авруосиё, ки Осиёи Марказиро бо нимҷазираи Ҳинду Чин мепайвандад, ҷойгир аст ва дар равандҳои ҷаҳонии сатҳҳои минтақавию байналмилалӣ, алалхусус дар ду даҳаи охир, иштироки фаъол дорад. Вале ин ширкати фаъолонаи мо ва ба арсаи ҷаҳонӣ баромадани Тоҷикистон ба осонӣ ба даст наомадааст. Зикри як далел кофист, ки мо дар оғози истиқлол ниҳод ё сохтори мукаммали татбиққунандаи сиёсати хориҷиро надоштем ва Вазорати корҳои хориҷие, ки аз замони шӯравӣ мерос монда буд, 11 нафар корманд дошту халос. Аз ин рӯ, бо камоли итминон метавон гуфт, ки ҳам сиёсати хориҷии мо ва ҳам мақоми ба ҳаёт татбиққунандаи он – Вазорати корҳои хориҷӣ зодаи ҳақиқии истиқлоланд! Маҳз ба шарофати истиқлол мо аз Созмони Милали Муттаҳид сар карда, узви муҳимтарин созмонҳои байналмилалии дунё гаштем. Ҷумҳурии Тоҷикистонро 147 давлати дунё чун кишвари соҳибистиқлол эътироф карда, имрӯз мо бо 128 мамлакати ҷаҳон равобити дипломатӣ барқарор намудаанд. Яъне мо узви комилҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ шудем ва олам Тоҷикистонро ҳамчун давлати мустақил шинохт ва эътироф кард. Ва ҳоло мо дар шароите қарор дорем, ки ҷаҳонишавӣ ба ҳайси раванди ҳокими таҳаввулоти сайёра, агар, аз як тараф, барои рушди иқтисодиву технологӣ ва умуман такомули кишварҳо имкониятҳои бузург фароҳам орад, аз сӯи дигар, метавонад боиси тезутундшавии масъалаҳои сиёсиву иқтисодӣ ва фарҳангиву ахлоқӣ, инчунин торафт бештар гардидани нобаробарии иҷтимоии мардум ва шиддат гирифтани бӯҳрони маънавии ҷомеаи ҷаҳон гардад. Дар чунин шароит сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд мӯҳтавои прагматикӣ ва воқеъбинона дошта бошад ва ба татбиқи пайгиронаи ҳадафҳои милливу давлатии кишвар мусоидат намояд[2].

Воқеъбинии сиёсӣ асосҳои истиқлолияти кишварро мустаҳкам гардонида, ин раванд бояд бо дарназардошти паҳлӯҳои нави муносибатҳои байналмилалӣ бо такя ба ҳақиқати воқеии марҳалаи ҷаҳонишавӣ сурат гирад. Тақозоҳои асри XXI торафт бештар водор мекунанд, ки сиёсати хориҷии Тоҷикистон бо таъкиди парадигмаи классикӣ бо эҳтиёҷоти иқтисодии давлат алоқаи ногусастанӣ дошта бошад ва ба хотири қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти зикршуда талошҳои муассирро анҷом диҳад. Яке аз масоили муҳимтарини давраи ҳозира риояи тавозуни байни раванди ҷаҳонишавӣ ва манфиатҳои миллии ҳар як кишвар аст. Мо чунин мешуморем, ки эҳтироми соҳибихтиёрӣ ва истиқлолияти ҳар як давлат бояд ба ҳайси асоситарин ва муҳимтарин асли меъёрҳои маъмули ҳаёти байналмилалӣ дар амал шинохта шавад. Ҷаҳонишавӣ

---

[2] Суханронии барномавии президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ифтихори ифтитоҳи бинои нави Вазорати корҳои хориҷӣ. Душанбе – 1.03.2013 https://mfa.tj

ва манфиатҳои миллии кишварҳо бояд якдигарро пурра созанд ва кафили боэътимоди рушди устувори муносибатҳои байналмилалӣ бошанд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон сиёсати хориҷии «дарҳои кушода»-ро пайгирона дар амал татбиқ намуда, эҷоди воситаҳои самарабахши ба ҳам овардани манфиатҳои миллӣ ва кӯшишҳои байналмилалӣ, муттаҳид намудани саъю талошҳои ҳамаи давлатҳоро барои омода намудани аксуламали муносиб дар баробари таҳдид ва хатарҳои замони муосир имконпазир мешуморад. Чунин бардошт дар доираи равандҳои ҳаёти ягонаи байналмилалӣ фароҳам сохтани имкониятҳои баробар, низоми амниятии фарогир ва мақоми сазовори ҳамаи кишварҳо ва халқҳоро, сарфи назар аз вусъат, нақш ва мартабаи онҳо дар тақсимоти геополитикии нерӯҳо, таъмин менамояд. Дар айни ҳол ба таври доимӣ суръат гирифтани тамоюли ҳамгироии иқтисодиву сиёсӣ хусусияти хоси муносибатҳои байналмилалӣ мебошад. Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷонибдории худро барои вусъати ҳамкориҳои минтақавӣ дар доираи созмонҳои байналмилалии мавҷуда, ки имконияти ҳалли вазифаҳои хоси миллиро дар шароити бархӯрди манфиатҳо фароҳам меоваранд, изҳор менамояд.

Иштироки густурдаи давлати мо дар фаъолияти созмонҳои байналмилалии ҷаҳониву минтақавӣ аз зарурате сар задааст, ки кишварамон дар таҳкими амнияту суботи байналмилалӣ аз рӯи имкон саҳм гузошта, ҳимояи манфиатҳои хешро ба таври афзал таъмин намояд; инчунин имкониятҳои технологӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ ва зеҳнии онҳоро барои иҷрои ҳадафҳои дарозмуддати сиёсати хориҷии Тоҷикистон – ташкил ва фароҳам овардани шароити мусоид барои татбиқи ислоҳоти муваффақона дар дохили кишвар ва такомулу инкишофи Тоҷикистони соҳибистиқлол – ҷалб намояд.

Мо ҷонибдории худро нисбат ба ташкили низоми нави ҷаҳонӣ изҳор менамоем ва ба сохторҳои байналмилалии сиёсиву амниятӣ дар миқёси умумиҷаҳониву минтақавӣ – Созмони Милали Муттаҳид, Созмони Ҳамкории Шанхай, Созмони амнияту ҳамкорӣ дар Аврупо, Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ, Созмони Ҳамкории Исломӣ – такя мекардем ва минбаъд низ такя хоҳем кард[3].

Роҳбарияти сиёсии Тоҷикистон чунин мешуморад, ки бо аз байн рафтани низоми ҷаҳонии дуқутбӣ истиқрори тавозуни нерӯҳо набояд бо роҳи гурӯҳбандиҳои нави ҳарбиву сиёсӣ, балки ба воситаи тавофуқоту созишҳое, ки амнияту суботро таъмин мекунанд, инчунин таҳия ва истифода намудани василаҳои муассири дипломатияи пешгирикунанда сурат гирад.

[3] Суханронии барномавии президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ифтихори ифтитоҳи бинои нави Вазорати корҳои хориҷӣ. Душанбе – 1.03.2013 https://mfa.tj

Мутаассифона, бо поён ёфтани давраи «ҷанги сард» доираи низоъҳои минтақавӣ хеле васеъ гардида, мусаллаҳшавӣ ва терроризми байналмилалӣ, ифротгароии сиёсӣ, бунёдгароӣ, ҷудоихоҳӣ, қочоқи маводи мухаддир ва ҷинояткории муташаккили фаромиллӣ, паҳншавии силоҳи қатли ом ва унсурҳои таркибии он тавсеа пайдо карда истодаанд, ки ҳама дар маҷмӯъ ба амнияти миллӣ, минтақавӣ ва умумиҷаҳонӣ таҳдид мекунанд. Мо чунин мешуморем, ки низоми нави ҷаҳонӣ бояд аз ҷангу низоъҳо, фишору зӯроварӣ комилан озод бошад ва бар ҳамкориҳои густурда, баробар ва мутақобилан судманди ҳамаи кишварҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ асос ёбад. Танҳо дар чунин шароит, тавассути саъю кӯшишҳои якҷоя, метавон дар баробари мушкилоти куллии замони муосир – терроризми байналмилалӣ, ифротгароии сиёсӣ, паҳншавии силоҳи қатли ом, фалокатҳои техногенӣ, экологӣ, инчунин гармшавии иқлим – истодагарӣ ва муқовимат намуд[4].

Тоҷикистон, ки бо сабаби мавқеи ҷуғрофии худ дар меҳвари манфиатҳои геополитикии нерӯҳои муқтадири олам қарор гирифтааст, дар шароити мавҷуда ва дар ояндаи наздик ният дорад сиёсати ҳадафмандонаро пеш бурда, минбаъд низ стратегияи ҳамкориҳои бисёрҷонибаро дунбол намояд.

Ҳадафҳои асосии сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар дурнамои дарозмуддат, тавре ки зикр шуд, бо мақсади ҳифзи манфиатҳои олии кишвар бояд аз фароҳам овардани шароити мусоиди берунӣ барои рушди устувори гуногунарсаи мамлакат, инкишофи минбаъдаи Тоҷикистон ба ҳайси давлати соҳибистиқлолу соҳибихтиёр, дарёфти ризоият ва манфиатҳои мутақобила бо кишварҳои хориҷӣ ва созмонҳои байналмилалӣ дар ҷараёни ҳалли вазифаҳое иборат бошанд, ки онҳоро афзалиятҳои сиёсати хориҷии давлатамон муайян мекунанд.

Тақвияти ҳамгироии иқтисоди кишвар ба иқтисодиёти ҷаҳонӣ ва таъмини иштироки дахлдори он дар тақсимоти байналмилалии меҳнат ва тиҷорати байналмилалӣ, фароҳам овардани шароит барои ворид намудани корхонаҳои ватанӣ ба равандҳои байналмилалии истеҳсолот, ҳавасмандгардонии фаъолнокии содиротӣ ва инвеститсионӣ, таъмини иштироки мунтазами онҳо дар таҳияи қоидаҳои савдои байналмилалӣ ва ноил гардидан ба рушди устувори инсон мақсади асосии сиёсати иқтисодии хориҷии кишвар ва замина барои ташаккули шарикии глобалӣ барои мақсадҳои рушд мебошад. Хусусияти хоси сиёсати иқтисодии хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз раванди минтақавӣ (регионализм) иборат мебошад. Чунин муносибат иштироки Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар созишномаҳои

---

[4] Суханронии барномавии президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ифтихори ифтитоҳи бинои нави Вазорати корҳои хориҷӣ. Душанбе – 1.03.2013 https://mfa.tj

минтақавӣ ва дуҷонибаи тиҷоратӣ бо мақсади ҳавасмандгардонии тиҷорат, истифодаи самарабахши захираҳои мавҷуда ва омилҳои истеҳсолот дар асоси эътироф ва риояи қоидаҳо ва танзими системаи тиҷорати бисёрҷониба пешбинӣ менамояд.

Таҳлили вазъ нишон медиҳад, ки проблемаҳои асосӣ дар соҳаҳои ҳамкориҳои минтақавӣ ва ҳамгироӣ ба иқтисодиёти ҷаҳонӣ аз инҳо иборатанд:

• мавҷуд набудани нерӯи зарурӣ барои татбиқи самарабахши тадбирҳои сиёсати тиҷоратӣ ва инвеститсионӣ, рушди нокифояи заминаи ҳуқуқие, ки муносибатро дар ин соҳа танзим менамояд, инчунин механизми сусти татбиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда;

• муҳити номуносиби корӣ ва фазои инвеститсионӣ дар натиҷаи сатҳи пасти шаффофии истифодаи механизмҳои савдо ва сиёсати инвеститсионӣ, инчунин хароҷоти баланди транзаксионӣ;

• содироти дорои хусусияти бесамар ва суст диверсификатсияшуда ҳангоми вобастагии баланди он ба вазъи нархӣ дар бозорҳои микдоран маҳдуду бесуботи молҳои ашёи хом. Ба масъалаҳои таҳияи варианти кластерии диверсификатсияи содирот, бо дарназардошти ҳамаи параметрҳо таваҷҷӯҳи зарурӣ зоҳир намегардад;

• аз бандарҳо дур қарор доштани кишвар ва проблемаҳои нақлиётию транзитӣ. Дар айни замон сиёсати нақлиётию транзитии кишвар аз бисёр ҷиҳат ба вазъи давлатҳои ҳамсарҳад дар соҳаи транзити молҳо ва воситаҳои нақлиёт тавассути ҳудуди ин кишварҳо алоқаманд мебошад;

• фаъолияти сусти маркетингӣ. Айни замон дар кишвар ширкате, ки дар ин соҳа самарабахш фаъолият намояд, вуҷуд надорад;

• мавҷуд набудани рақобати солим дар бозори хизматрасонии нақлиёти ҳавоӣ ва заминаи сусти моддию техникии Корхонаи воҳиди давлатии ҳавопаймоии «Тоҷикистон»;

• инфраструктураи сусти нақлиётӣ ва мавҷуд набудани рақобати солим дар бозори фароҳам овардани хизматрасониҳои нақлиётӣ[5].

Бо дарназардошти мақсадҳои Стратегияи паст кардани сатхи камбизоати (СПКСК), афзалиятҳои Стратегияи миллии рушд ва проблемаҳои зикргардида дар соҳаи ҳамкориҳои минтақавӣ ва ҳамгироӣ ба иқтисодиёти ҷаҳонӣ вазифаҳои Стратегия дар бахш аз инҳо иборатанд:

(1) беҳбуди системаи идоракунии фаъолияти иқтисодии хориҷӣ;

(2) тақвияти иштироки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тиҷорати глобалӣ;

---

[5] Ҳакимов Ҳ. А. Ташкили идораи иқтисоди миллӣ. Василаи таълим. – Душанбе: «Ирфон», 2005. - 416 с.

(3) рушди ҳамкориҳои минтақавӣ;

(4) диверсификатсияи сохтори молӣ ва соҳавии тиҷорат ва оддигардонии расмиёти савдо;

(5) рушди туризм;

(6) танзими раванди муҳоҷирати меҳнатӣ.

## 2. Маҷмӯи чорабиниҳои ба рушди ҳамкориҳои минтақавӣ мусоидаткунанда.

**Ҳамкорӣ дар соҳаи нақлиёт:** Рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва тиҷоратии ҳар як минтақа асосан аз вазъи инфрасохтори нақлиётии он, ки дар таъмини ҳамгироии гуногунҷанба миёни кишварҳои минтақа нақши калидӣ мебозад, вобастагӣ дорад. Бо назардошти ин мулоҳизаҳо, дар доираи созмон Нақшаи асосии рушди бахши нақлиёт дар минтақаи ва Эъломияи Ашқободии ҷаласаи ғайринавбатии сарони давлатҳои оид ба рушди инфрасохтори нақлиётӣ ва алоқа ва шабакаи қубурҳои фаромиллии минтақаи қабулгардида барои ҳамаи кишварҳои аъзо, аз ҷумла Тоҷикистон, ки ба баҳр роҳ надорад, хеле мубрам ба ҳисоб меравандᅟ[6].

Дар арафаи самти 4-уми Ашқобод, ки (13 майи соли 1996) ифтитоҳ гардидани роҳи оҳани фароосиёии Серахс-Теҷен-Машҳад, ки Аврупо ва Осиёро бо роҳи кӯтоҳтарин пайванд мекунад, имкониятҳои дурбинонаи созмонро дар арсаи байналмилалӣ ба таври назаррас зиёд намуд. Хатсайри мазкур танҳо қисме аз шоҳроҳи роҳи оҳани фароосиёии Нақшаи асосии рушди бахши нақлиёт ба ҳисоб меравад. Роҳандозии ҳамлу нақл тавассути долонҳои нақлиётии вуҷуддошта, бартараф намудани монеаҳои ғайритарифӣ ва тадриҷан коҳиш додани тарифҳо дар муҳлатҳои мувофиқ ба рушди босамари тиҷорати нақлиётӣ дар тамоми фазои, тавсеаи тиҷорат дар нуқтаҳои гузаргоҳии наздисарҳадӣ ва инчунин ба ҳадди ақал гардонидани хароҷот дар ҳамлу нақли молу маҳсулот имкон медиҳад.

Кишварҳои аъзо дар ташкили инфрасохтори ягонаи нақлиётӣ бо баромад ба бозори берунӣ имконияти ҳамкорӣ доранд. Ин дар шароити равобити иқтисодии тақвиятёбандаи байналмилалӣ бисёр муҳим аст. Дар шароити надоштани роҳи баромади мустақими кишварҳои Осиёи Марказӣ ба бандарҳои баҳрӣ, таъсиси долони умумии нақлиётӣ такони ҷиддӣ дар тақвияти аҳамияти геополитикӣ ва иқтисодию тиҷоратии минтақа мегардид.

**Ҳамкорӣ дар соҳаи энергетика:** Соҳаи муҳимтарини ҳамкории

---

[6] АМИТ «Ховар» ДУШАНБЕ, 01.03.2017. https://khovar.tj

минтақавӣ ҳалли мушкилоти истифодаи маҷмӯӣ (комплексӣ) ва самараноки захираҳои об ва энергетика ба шумор меравад. Бинобар ин, Лоиҳаи Бонки исломии рушд оид ба коҳиш додан ва фаъолияти мувозии низоми энергетикии минтақаи комилан афзалиятнок мебошад ва Ҷумҳурии Тоҷикистон аз оғози татбиқи тадқиқоти техникию иқтисодии он истиқбол мекунад. Ҳамзамон фаъолияти муштарак оид ба сарфаи энергия ва истифодаи сарчашмаҳои алтернавии он метавонад аҳамияти бузург дошта бошад. Дар навбати аввал ин ба энергияи офтобӣ тааллуқ дорад. Дар ин самт Тоҷикистон, ки кишвари офтобӣ аст, дорои иқтидори бузург мебошад.

**Ҳамкорӣ дар соҳаи кишоварзӣ:** Рушди кишоварзӣ барои гузоштани саҳм дар афзоиши иқтисодӣ ва коҳиш додани камбизоатӣ механизми асосӣ ба ҳисоб меравад. Як зумра ҷаласаҳои вазирони кишоварзии кишварҳои аъзои (Созмони ҳамкориҳои иқтисодӣ)-СҲИ баргузор гардиданд. Ду санади муҳим – Эъломияҳои Исломобод ва Ашқобод, ки ҳамкории афзалиятнокро дар соҳаи кишоварзӣ муайян менамоянд, тасдиқ гардиданд. Ҷаласаҳо вазъи бахши кишоварзии минтақаро барои муайян намудани соҳаҳои мавриди таваҷҷуҳ баррасӣ карданд. Зимни ҷаласаҳо вазирон масоили калидӣ, аз ҷумла хушксолӣ, шароити номусоиди тиҷоратӣ дар кишоварзӣ, сатҳи пасти истеҳсолот ва ғайраро муайян намуданд[7].

**Ҳамкорӣ дар соҳаи саноат:** Тоҷикистон дар рушди ҳамкорӣ бо кишварҳои аъзои СҲИ дар соҳаи саноат ҳавасманд аст. Нақшаи амали оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи саноат қабул гардид, ки ба ҳамгироии соҳаҳои зерин равона шудааст: беҳтар гардонидани фазои сармоягузорӣ, стандартизатсия, беҳтаргардонии сифати маҳсулот, бартарафсозии монеаҳои техникӣ, содагардонии тиҷорат, рушди бахши хусусӣ, таъсиси корхонаҳои саноатии хурду миёна, интиқоли технологияҳо ва ғайра.

**Ҳамкорӣ дар соҳаи телекоммуникатсия:** Тоҷикистон дар рушди ҳамкории телекоммуникатсионӣ бо давлатҳои аъзо СҲИ ҳавасманд мебошад. Нақшаи рушди алоқаи телекоммуникатсионӣ ва почтавӣ дар минтақа самтҳои асосии фаъолияти муштаракро оид ба таъмини алоқаи муосири коммуникатсионии минтақа муайян менамояд.

Дар доираи созмон Нақшаи рушди алоқаи телекоммуникатсионӣ ва почтавӣ дар минтақа таҳия ва тасдиқ гардид. Санади мазкур самтҳои асосии фаъолияти муштаракро оид ба таъмини алоқаи муосири телекоммуникатсионӣ, омода ва баланд бардоштани савияи мутахассисон, таъсиси корхонаҳои муштарак ва истеҳсоли дастгоҳҳои телекоммуникатсиониро муайян менамояд, ки барои ҳалли мушкилоти имрӯз

[7] АМИТ «Ховар» ДУШАНБЕ, 01.03.2017. https://khovar.tj

дар соҳаи телекоммуникатсияи Тоҷикистон вуҷуддошта бисёр мубрам ба шумор мераванд.

**Ҳамкорӣ дар соҳаи фарҳанг ва маориф:** Тоҷикистон бо аксари кишварҳои дунё робитаи умумии фарҳангӣ ва таърихӣ дорад. Ғанӣ гардонидан ва таҳким бахшидани робитаи фарҳангӣ бо кишварҳои аъзо дар мадди назари Ҳукумати Тоҷикистон қарор дорад. Тоҷикистон яке аз аввалин кишварҳои аъзои СҲИ мебошад, ки Низомномаи Институти фарҳангии СҲИ ва Фондии илмии СҲИ -ро ба тасвиб расонида, тасдиқ намудааст. Ин муассисаҳои минтақавии СҲИ барои ба сатҳи нав баровардани ҳамкории фарҳангӣ ва илмӣ равона шудаанд.

## 3. Рушди ҳамкориҳои минтақавӣ ва ҳамгироӣ ба иқтисодиёти ҷаҳонӣ.

Беҳбуди системаи фаъолияти иқтисодии хориҷӣ (вазифаи 1 дар бахш) бо усули зайл анҷом дода мешавад: рушди асосҳои институтсионалии танзими фаъолияти иқтисодии хориҷӣ, аз ҷумла таҳияи сиёсат дар ин соҳа, муносибгардонии қонунгузории амалкунандаи кишвар ба меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ, такмили муҳити инвеститсионӣ ва корӣ, таъмини дастрасӣ ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ вобаста ба фаъолияти иқтисодии хориҷӣ, ташаккули марказҳои иттилоотию маркетингӣ, такмили тадбирҳои танзими ғайритарифии фаъолияти тиҷорати хориҷӣ.

Барои тақвияти иштирок дар муносибатҳои хоҷагидории ҷаҳонӣ ва ба итмом расонидани раванди воридшавии Тоҷикистон ба ТУС (вазифаи 2) татбиқи маҷмӯи чорабиниҳо пешбинӣ гардидаанд, ки барои мақсадҳои зайл нигаронида шудаанд:

-паст кардани оқибатҳои манфии глобализатсия;

-ташкили дастрасӣ ба бозори дохилӣ бо дарназардошти манфиатҳои иқтисодӣ;

-иҷрои шартҳои созишномаҳои ТУС оид ба ҳифзи ҳуқуқ ба моликияти зеҳнӣ,

-кам кардани истифодаи монеаҳои техникӣ дар тиҷорат, меъёрҳои санитарӣ ва фитосанитарӣ;

-омодасозии мутахассисони соҳибихтисос дар соҳаи савдои байналмилалӣ ва ҳуқуқ;

-таъсиси намояндагии Тоҷикистон дар назди котиботи ТУС дар Женева бо мақсади иштироки нисбатан пурра дар раванди ташаккул ва қабули қарорҳо оид ба савдои байналмилалӣ;

-ба даст овардани шароитҳои переференсиалӣ барои содироти молҳо дар доираи системаи умумии переференсияи кишварҳои ТУС.

Маҷмуи чорабиниҳое, ки ба рушди ҳамкориҳои минтақавӣ мусоидат мекунад, асосан масъалаҳои зеринро пешбинӣ менамояд:

-такмили заминаи меъёрии ҳуқуқии ҳамкориҳои минтақавӣ; рушди ҳамкориҳои нақлиётию транзитӣ дар доираи минтақаҳои алоҳида бо мақсади ҳалли проблемаҳои транзитии минтақавӣ ва ҳалли масъалаҳои раҳоӣ аз бумбастҳои коммуникатсионӣ;

-рушди ҳамкорӣ дар соҳаи истифодаи самарабахши захираҳои обию энергетикӣ ва захираҳои ашёи карбогидрид;

-рушди савдои минтақавӣ ва андешидани тадбирҳо барои оддигардонии расмиёти тиҷорат дар доираи минтақа;

-суръатбахшии раванди ташаккули иттиҳоди гумрукӣ ва фазои ягонаи иқтисодӣ дар доираи ЕврАзЭс;

-фаъолгардонии муносибатҳо дар доираи Созмони ҳамкориҳои Шанхай, рушди муносибат дар доираи СҲИ;

-рушди коридорҳои нақлиётӣ; таъсиси Консорсиуми байналмилалии энергетикӣ ва баланд бардоштани нерӯи интиқоли қувваи барқ ба кишварҳои минтақа бо роҳи сохтмони хатҳои интиқоли барқ.

Яке аз вазифаҳои нисбатан мураккаби бахш аз диверсификатсияи сохторҳои молӣ ва соҳавии тиҷорат ва содагардонии расмиёти савдо иборат мебошад. Дар шароити маҳдудияти захираҳо ба масъалаҳои зайл таваҷҷӯҳи асосӣ зоҳир мегардад:

афзоиши ҳаҷми муомилоти савдои хориҷии кишвар бо роҳи имплементатсияи судманди сиёсати рушди соҳаҳои ба содирот нигаронидашудаи иқтисодиёт;

таҳияи барномаҳои соҳавии рушди содирот бо дарназардошти афзалиятҳои муқоисашавандаи кишвар дар савдои байналмилалӣ;

такмили сиёсати тарифию гумрукӣ, таъсиси Кумитаи машваратӣ оид ба расмиёти савдо, бекор кардани тартиби пардохти депозит ҳангоми транзити мол тавассути ҳудуди Қазоқистон, Ӯзбекистон ва Руссия;

такмили механизми додани иҷозатнома (литсензия) барои истеҳсол, муомилот ва фурӯши маҳсулоти спиртдор;

такмили системаи суғуртаи шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ; ҳалли масъалаҳои таъсиси минтақаҳои озоди иқтисодӣ.

## 4. Рушди туризм, тайёр намудани кадрҳо, раванди муҳоҷирати меҳнатӣ, воридот ва содирот, инвеститсияҳои мустақими хориҷӣ.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рушди сайёҳӣ таваҷҷӯҳи хоса зоҳир намуда, имкониятҳои сайёҳии таърихию фарҳангӣ, қуллаҳои баланди кӯҳӣ, обҳои мусаффову шифобахш ва табиати нотакрори худро барои ҷалби бештари сайёҳон истифода бурда истодааст.

Сайёҳӣ симои мамлакат буда, одамон дар хориҷи кишвар давлатро пеш аз ҳама аз рӯи имиҷи он ҳамчун мавзеи сайёҳӣ дар асоси гуфтугӯ бо сайёҳон мешиносанд. Ҷумҳурии Тоҷикистон имкониятҳои фаррох барои худро ба ҷаҳониён тавассути гузоштани таассуроти нек ба сайёҳон муаррифӣ намояд. Истилоҳи туризм аз калимаифрансавии “tour” гирифта шуда, маънояшгардишгарӣ, сайр ё гаштугузор намуданмебошад.

**Сайёҳӣ** – шуғле мебошад, ки низоми ташкили усулҳои гузаронидани истироҳатро бо мақсадҳои солимгардонӣ, шиносоӣ, зиёрат (ба истиснои ҳаҷ), тиҷоратӣ, варзишӣ, касбию хизматӣ ва дигар мақсадҳо тавассути саёҳат (тур) ва будубоши муваққатии берун аз ҳудуди ҷои истиқомати доимӣ ба роҳ мемонад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои захираҳои нотакрори табиию фароғатӣ буда, мероси бойи таърихию фарҳангӣ барои эҳё ва рушди минбаъдаи соҳаи сайёҳӣ дорад. Соҳаи сайёҳӣ яке аз самтҳои афзалиятноки иқтисодиёти кишвар ба ҳисоб рафта, дар шароити мусоид барои рушди иқтисодиёт имкониятҳо фароҳам меоарад[8].

Бо мақсади вусъат бахшидан ба рушди соҳаи сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бо дарназардошти зарурати рушди инфрасохтори деҳот солҳои 2019 - 2021 “Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ” эълон карда шуда буд.

Вобаста ба ин масъала Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд намуданд: “Мақсади асосӣ аз ин пешниҳод амалигардонии талошҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хотири боз ҳам ободу зебо гардонидани кишвари азизамон ва ҳалли масъалаҳои иҷтимоии аҳолӣ бо роҳи беҳтар намудани инфрасохтор, пеш аз ҳама, дар соҳаҳои маорифу тандурустӣ, таъсиси ҷойҳои корӣ, таъмин кардани аҳолии деҳот бо оби босифати ошомиданӣ, бунёду таҷдиди роҳҳои маҳаллӣ, рушди инфрасохтори сайёҳӣ ва инкишофи ҳунарҳои мардумӣ, ба талаботи муосир мутобиқ сохтани сатҳи хизматрасонӣ ва баланд бардоштани некӯаҳволии мардум дар ҳар як деҳа ва маҳалли аҳолинишин мебошад”.

Ақидаи ташкил ва фурӯши лоиҳаҳои сайёҳӣ, ки ҳатто дар навбати аввал фоидаи имконпазир намеорад, метавонад ба рушди сайёҳӣ вусъат намуда,

---

[8] Исайнов Ҳ.Р. Иқтисоди миллӣ: китоби дарсӣ,-Душанбе Ирфон, 2018с, 548с.

барои фароҳам овардани ҷойҳои иловагии корӣ ва рушди даромадҳои аҳолӣ мусоидат намояд. Сайёҳӣ яке аз соҳаҳои асосӣ ва муҳими хизматрасонӣ ба ҳисоб рафта, шакл ва механизмҳои муосири хизматрасониҳои мизоҷонро тақозо мекунад.

Дар шароити иқтисоди бозорӣ корхонаҳои саноати сайёҳӣ ҳарчи бештар зарурияти таҳияи молу хизматрасониҳои навро дарк карда истодаанд. Муайян ва қонеъ гардонидани талаботҳои инсонӣ ва ҷамъиятӣ яке аз вазифаҳои муҳими маркетинги инноватсионӣ ба ҳисоб меравад.

Ширкатҳои сайёҳӣ бо мақсади васеъ намудани бозори фурӯши маҳсулот ва хизматарсониҳои сайёҳии худ бояд фаъолияти маркетингии худро дуруст ба роҳ монанд. Маркетинг ҷанбаи асосии стратегия ба ҳисоб рафта, аз қисмҳои таҳқиқоти бозор, реклама, ба роҳ мондани фурӯш ва нигоҳ доштани тамос бо муштариён иборат аст. Пеш аз оғози дилхоҳ фаъолияти маркетингӣ бояд муайян кард, ки он ба кӣ равона карда шуда, мақсади асосӣ аз чӣ иборат аст. Маркетинг аз таҳқиқоти бозор оғоз мешавад. Таҳқиқоти бозор метавонад мураккаб ва серхарҷ бошад ва ё метавонад супориши нисбатан оддӣ бошад. Чи қадаре, ки воситаҳо бештар ҷалб шаванд, ҳамон қадар сифат баланд мешавад, аммо новобаста аз ин, раванди тадқиқот дар маҷмӯъ якхела мебошад. Ҳадафи асосии ширкатҳои сайёҳӣ дар шароити рақобат тоб овардан ва миқдори зиёди мизоҷонро ҷалб намудан мебошад. Маҳз тавассути инноватсия имконият аст, ки инро ба даст оварем.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун узви комилҳуқуқи Созмони Умумиҷаҳонии Сайёҳӣ бо як қатор кишварҳои олам созишномаҳои ҳамкорӣ дар соҳаи сайёҳӣ ба имзо расонидааст.

**Дар Тоҷикистон низоми соддакардашудаи раводид барои шаҳрвандони 112 кишвари ҷаҳон ва низоми электронии раводид ҷорӣ гардида, шабакаи ягонаи электронӣ ба кор андохта шудааст.**

Дар ин радиф, таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳонӣ ба захираҳои сайёҳии мамлакат зиёд гардида, симои кишвар ҳамчун мамлакати осоишта ва дорои захираҳои бойи сайёҳӣ боз ҳам устувор гардид. *Ҳамзамон, роҳандозии* тартиби электронии дастрас намудани раводид ва реҷаи бераводид бо 12 кишвари ҷаҳон, фаъолияти зиёда аз 100 ширкати сайёҳӣ, сохтмон ва таҷдиду азнавсозии як қатор инфрасохтори сайёҳӣ, барои воридшавии ҷумҳурӣ ба бозорҳои ҷаҳонии сайёҳӣ ва ҷалби бештари сайёҳон заминаи мусоид гузошта истодаанд.

**Ҷадвали 1.**

**Нишондиҳандаҳои мақсадноки стратегияи рушди соҳаи сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| Р/т | **Номгӯи нишондиҳандаҳо** | **2017** | **2020** | **2025** | **2030** |
|---|---|---|---|---|---|
| 1. | Шумораи сайёҳони ба ҷумҳурӣ ташрифоваранда (ҳазор нафар) | 430,9 | 1000,0 | 1600,0 | 2500,0 |
| 2. | Саҳми сайёҳӣ дар ММД ( %) | 1,2 | 5,0 | 6,5 | 8,0 |
| 3. | Саҳми сайёҳӣ дар содирот (%) | 6,2 | 8,0 | 12,0 | 15,0 |
| 4. | Саҳми сармоя ба соҳаи сайёҳӣ дар маҷмуи сармоягузориҳо (%) | 0,07 | 2,0 | 5,0 | 10,0 |
| 5. | Саҳми сайёҳӣ дар қисми даромади буҷети давлатӣ (%) | 0,046 | 1,0 | 1,6 | 3,0 |
| 6. | Миқёси хизматрасониҳо дар соҳаи сайёҳӣ (млн сомонӣ) | 1906,8 | 4425,0 | 7080,0 | 11862,6 |
| 7. | Шумораи субъектҳои бақайдгирифта-шудае, ки дар соҳаи истироҳат ва табобат хизматрасонӣ мекунанд | 230 | 300 | 410 | 500 |
| 8. | Шуғли аҳолӣ дар соҳаи сайёҳӣ (бо %) | 0,6 | 2,0 | 5,0 | 10,0 |
| 9. | Мавқеи Тоҷикистон дар раддабандии кишварҳои меҳмоннавоз, ки аз ҷониби Форуми ҷаҳонии иқтисодӣ гузаронида мешавад.[9] | 107/136 | 90/136 | 75/136 | 50/136 |

Айни замон дар бораи Тоҷикистон ҳамчун кишвари сайёҳӣ дар олами ғарб маълумот кофӣ нест ва он маълумоте, ки одамон дар бораи кишвар медонанд, на ҳама вақт саҳеҳ аст. Сайёҳон аз сафари худ амният, меҳмоннавозӣ ва қаноатмандии баландро интизор мешаванд. Муваффақ шудан ба қонеъ гардонидани чунин талабот маънои онро дорад, ки давлат шухрати баландро барои худ дар ҷаҳон ба даст овардааст. Ин занҷири самаранокеро ба вуҷуд меорад, ки на танҳо ба рушди бахши сайёҳӣ, балки ба густариши муносибатҳои байналмилалии иқтисодӣ, аз ҷумла воридоти сармояи хориҷӣ низ мусоидат мекунад.

Аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тоҷирону соҳибкорон ва ширкатҳои сайёҳӣ як қатор имтиёзҳои андозию гумрукӣ ва барои ворид намудани техникаву технологияи муосир дода шуд.

Натиҷаи ин ҳамам кӯшишу талош ва дастгириҳои Ҳукумати кишвар буд, ки дар соли 2018 соҳаи сайёҳӣ дар кишвар назар ба солҳои қаблӣ рушд намуда, шумораи сайёҳони воридгардида ва инчунин, ширкатҳои сайёҳии ба сйёҳҳони дохилию хориҷӣ хизматрасон низ зиёд шуд[10].

---

[9] Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе 2023с. www.stat.tj

[10] Исайнов Ҳ.Р. Иқтисоди миллӣ: китоби дарсӣ,-Душанбе Ирфон, 2018с, 548с.




**Расми 1. Шумораи ширкатҳои сайёҳии дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, фаъолияткунанда (дар солҳои 2018- 2022, адад)**

Агар дар соли 2018 шумораи ширкатҳои сайёҳӣ дар кишвар 146 ададро ташкил медод, дар нуҳ моҳи аввали соли 2022 ин шумора ба 235 адад омада расид, ки 89 адад зиёд гардида, ки ин аз самараи дастгирию имтиёзҳои додаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар натиҷаи тадбирҳои андешидашуда сол аз сол ташрифи сайёҳони хориҷӣ ба ҷумҳурӣ зиёд гардида истодааст.Ташаббуси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба эълон гаштани солҳои 2019-2021 ҳамчун “Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ” аз ҷониби созмонҳои байналмилалӣ саривақтӣ арзёбӣ гардида, дар радифи ин ташаббуси фарогир Созмони ҷаҳонии сайёҳӣ бо мақсади муаррифии фарҳанги асил, ҳунарҳои маҳаллӣ, урфу одат ва анъанаҳои мардумии кишварҳои узви созмон мавзӯи Рӯзи ҷаҳонии сайёҳӣ барои соли 2020 - Соли рушди сайёҳӣ ва минтақаҳои деҳот эълон дошт.

Мувофиқи маълумоти оморӣ соли 2020 ба Ҷумҳурии Тоҷикистон 350 ҳазор нафар сайёҳ ташриф овард, ки нисбат ба соли пешин 72,2 дарсад кам мебошад. Сабабҳои асосии кам ташриф овардани сайёҳони дохилию хориҷӣ ин бемории ҳамагири Коронавирус - COVID-19 мебошад.



**Расми 2. Шумораи шаҳрвандони хориҷие ба ҳайси сайёҳ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид шудаанд (дар солҳои 2018 - 2022, млн. нафар)**

Аз таҳлили расми 2. маълум мегардад, ки дар соли 2022 шумораи шаҳрвандони хориҷие, ки ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ташриф овардаанд, бо назардошти ҳама намуди мақсадҳои сафар (хизматӣ, истироҳатӣ ва ғайра) 1151,9 ҳаз. нафарро ташкил намуд, ки нисбат ба соли 2021 634,3 ҳазор нафар ё 2,2 баробар зиёд мебошад.

Аз шумораи умумии шаҳрвандони хориҷие, ки ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ташриф овардаанд, 999,3 ҳазор нафарашон ба ҳайси сайёҳ (тибқи методологияи Созмони умумиҷаҳонии сайёҳӣ) арзёбӣ мегарданд, ки нисбат ба соли 2021 ба 3,4 баробар зиёд шудааст.

Шумораи шаҳрвандони хориҷие, ки ба Ҷумҳурии Тоҷикистон аз давлатҳои ИДМ ворид шудаанд, 1094,1 ҳазор нафар (95,0 фоиз аз шумораи умумӣ), аз он 950,1 ҳазор нафар ба ҳайси сайёҳ ва давлатҳои хориҷи дур 57,8 ҳазор нафар (мутаносибан 5,0 фоиз аз шумораи умумӣ), аз он 49,2 ҳазор нафар ба ҳайси сайёҳ буданд[11].

Дар ҷаҳони муосир ба бунёди инфрасохтори сайёҳӣ таваҷҷуҳи зиёд зоҳир мегардад. Дар доираи омодагиҳо ба Ҷашни 30 - солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар ҳошияи “Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ” дар ҷумҳурӣ иншооти муосири хидматрасонӣ бунёду мавриди истифода қарор гирифта истодаанд, ки ҳамаи ин ҷузъи муҳими инфрасохтори сайёҳӣ маҳсуб меёбанд. Масалан, мавриди баҳрабардорӣ қарор додани меҳмонхонаҳои “Чорчаман Хилс” дар ноҳияи Дарвоз, “Саразм плаза” дар шаҳри Панҷакент, “Манзара” дар ноҳияи Ховалинг ва “Чилдухтарон” дар ноҳияи Муъминобод имкон медиҳад, ки мо дар дурдасттарин минтақаи ҷумҳурӣ ба сайёҳон дар шароити хубу мусоид хидмат мерасонад[12].

Барои ноил шудан ба мақсадҳои Стратегия рушди туризм, аҳамияти назаррас дорад. Рушди туризм татбиқи тадбирҳои зайлро пешбинӣ менамояд:

таҳияи механизми самарабахши татбиқи сиёсат ва банақшагирии соҳа, инчунин таъсиси заминаи дахлдори институтсионалии рушди соҳа;

тақвияти корҳои рекламавию иттилоотӣ бо роҳи ташкил намудани барномаҳои телевизион ва радио барои кишварҳои хориҷӣ;

нашри маводи мухталифи рекламавию иттилоотӣ;

---

[11] Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Точикистон. Душанбе 2023с. www.stat.tj

[12] Исайнов Ҳ.Р. Иқтисоди миллӣ: китоби дарсӣ,-Душанбе Ирфон, 2018с, 548с.

фаъолгардонии иштироки туроператорҳои ватанӣ дар намоишгоҳҳо, ярмаркаҳои туристии байналмилалӣ, ки дар хориҷи кишвар баргузор мегарданд, бо роҳи ташкили стенди ягонаи ҷумҳуриявӣ;

ташкили фаъолияти намояндагиҳо оид ба туризм дар хориҷа, ки функсияҳои рекламавию иттилоотиро анҷом медиҳанд;

презентатсияи имкониятҳои туристии Тоҷикистон дар кишварҳои имконпазир, ки сайёҳони худро ба кишвари мо мефиристанд;

рушди инфраструктураи туристӣ, аз ҷумла шабакаи меҳмонхонаҳо; инфраструктураҳое, ки барои рушди туризм фаъолият мекунанд ва ғайра.

Танзими раванди муҳоҷирати меҳнатӣ. Воридот аз содирот, инвеститсияҳои мустақими хориҷӣ ва маблағгузарониҳои муҳоҷирини меҳнатӣ яке аз манбаъҳои асосӣ ва нисбатан босуботи маблағгузории берунаи хусусӣ ба ҳисоб меравад. Аз ин нигоҳ бояд ҷиҳати такмили механизми танзим ва ба тартиб овардани муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ, фаъолгардонии муколамаи сиёсӣ бо мақсади таъмини ҳифзи ҳуқуқ ва манфиати муҳоҷирини тоҷик дар ҳудуди кишварҳои хориҷӣ, фароҳам овардани шароит барои содагардонии вуруд ва хуруҷ, инчунин шартҳои буду бош ва ҷойивазкунӣ дар ҳудуди ин кишварҳо, рушди усулҳои муттамадин ва шаклҳои хизматрасонӣ дар бозорҳои кишварҳои хориҷӣ бо роҳи ташкили иштироки тиҷоратӣ ва ғайра иқдомҳои зарурӣ андешида шавад.

**Адабиёти истифодашуда:**


1. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе 2023с. www.stat.tj
2. АМИТ «Ховар» ДУШАНБЕ, 01.03.2017. https://khovar.tj
3. Булатов, А.С. национальная экономика: Учебное пособие / А.С. Булатов. – М.: Магистр, ИНФРА-М, 2012. – 304 с.
4. Суханронии барномавии президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ифтихори ифтитоҳи бинои нави Вазорати корҳои хориҷӣ. Душанбе – 1.03.2013 https://mfa.tj
5. Ҷонмамадов Ш.Б., Раҳмонов Ҷ.Р., Мамадалиев Ф.С. Танзими давлатии иқтисодиёт. – Душанбе: Ирфон, 2010. -166 с.
6. Ҳакимов Ҳ. А. Ташкили идораи иқтисоди миллӣ. Василаи таълим. – Душанбе: «Ирфон», 2005. - 416 с.
7. Ҳакимов А.Ҳ., Шодиева Т.Г., Каримова М.Т., Қодиров Д.Б., Муминова Ф.М. Иқтисод ва идоракунии минтақа: Китоби дарсӣ. – Душанбе: Деваштич, 2002. – 276 с.
8. Ҳакимов Ҳ.А. Иқтисоди миллӣ: асосҳои бехатарӣ ва рақобатпазирӣ. Воситаи таълим. – Душанбе: «Ирфон», 2007. - 488 с.

9. Ҳакимзода А., Раҷабов Қ. Минтақаҳои озоди иқтисодӣ. Китоби дарсӣ.- Душанбе «Ирфон», 2009. - 467 с.
10. Исайнов Ҳ.Р. Иқтисоди миллӣ: китоби дарсӣ,-Душанбе Ирфон, 2018с, 548с.